# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид диссертатсияи диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

*03 июли соли 2023* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Дустбоев Ш., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Ҷабборов А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – узви комиссия; Муқаддасзода Ф.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич **хулосаи** зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич, 17 сентябри соли 1983 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2006 факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат хатм намудааст.

Аз соли 2006 то соли 2022 дар вазифаҳои ассистенти кафедраи менеҷмент, муаллими калони кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнат, муовини декан оид ба тарбияи факултети иқтисодиёт ва менеҷмент, муовини декан оид ба таълим-эдвайзери факултети иқтисодиёт ва менеҷмент, мутахассиси шуъбаи банақшагирӣ ва назорати раванди таълими раёсати таълим, муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратӣ ва муовини декан оид ба таълим-эдвайзери факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратӣ фаъолият намудааст.

Аз моҳи ноябри соли 2022 то ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнат кор мекунад.

Аз соли 2018 то инҷониб унвонҷӯйи кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 06 марти соли 2018 қарори № 9 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Шаропов Фарҳод Разоқович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

### *II. Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

### *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 16 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 3 мақола дар алоҳидагӣ нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

   - Амонова Дилбар Субҳоновна – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон;

   - Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич, номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон карда шавад.
3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
5. Рӯихати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор — Дустбоев Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор — Ҷабборов А.Ҷ.

д.и.и., дотсент — Муқаддасзода Ф.М.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН * ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ *